Такриз
ба диссертатсияи номзадии Каримов Раҳматулло Рамазонович дар мавзӯи «Дипломатияи об ва ҷойгоҳи он дар сиёсати хориҷии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 5.6.4 – проблемаҳои сиёсии муносибатҳои байналмилалӣ: инкишофи глобалӣ ва минтақавӣ

Дар шароити муосир тағйирёбии иқлим, мусаллаҳшавии бошитоби абарқудратҳо ва инчунин доираи манфиатталабии онҳо дигаргугиҳои зиёдеро дар ҷомеаи ҷаҳонӣ ба вуҷуд оварда истодааст, ки раванди мазкур паёмади ҳатарҳои глобалии нави олам аст. Маъалаҳои мазкур монеаи рушди масъалаҳои глобалии иқлим махсусан масъалаҳои таҳкими дипломатияи об дар ҷаҳони муосир мебошад. Об манбаи ҳаёт, сарчашмаи зиндагӣ дар рӯйи замин буда мавҷудияти насли инсон аз он вобастагӣ дорад. Аз ин рӯ зарурат пеш омадааст, ки раванди таҳким ва ташаккули дипломатияи об дар шароити муосир ҳамчун муҳимтарин масъалаи муносибатҳои сиёсӣ мавриди таҳқиқи илмӣ қарор гирад.

Мураккабшавии мушкилоти вобаста ба об ва таъмини амнияти обӣ дар арсаи ҷаҳонӣ мавзуи обро ба масъалаи доимобаррасишавандаи сатҳҳои гуногун ва доираи васеи чорабиниҳои сиёсӣ табдил дода, доир ба ҳалли мувафақонаи он муколама, ҳамгироӣ ва муносибатҳои гуногнуарса сурат гирифта истодаанд. Ин раванд масъалаҳои вобаста ба обро ба самти нави фаъолияти дипломатӣ табдил дода, он дар сиёсати хориҷии кишварҳо афзалият пайдо намуда истодааст.

Аз ин рӯ таҳлил ва баррасии масъалаҳои муҳимми вобаста ба дипломатияи об аҳамияти хоссаи илмию амалӣ касб менамояд.

Дар ин раванд яке аз сабабҳои интихоби мавзӯи мазкур васеъ ва ҳамаҷониба таҳқиқ намудани масъалаи дипломатияи об дар шароити нави геополитикӣ, тағйирёбии таносуби қувваҳо дар ҷаҳон ва дарёфти роҳҳои ҳаллӣ мушкилоти об вобаста ба вокеияти рӯз мебошад.

Муаллиф кушиш намудааст, ки масъалаи дипломатияи обро дар равандҳои муосири сиёсӣ аз диди амниятӣ ва геополитикӣ баррасӣ намояд.

Дипломатияи об самти нави муносибатҳои дипломатӣ маҳсуб ёфта, дорои хусусият ва қонуниятҳои хосси худ мебошад, ки омӯзиш ва таҳқиқи ҳамаҷонибаи илмии он дар илмҳои сиёсӣ муҳим арзёбӣ карда мешавад.

Тавре маълумаст дар дунё шумораи давлатҳои дорои мустақилияти обӣ хеле кам аст ва қисми мутлақи кишварҳо миёни ҳам вобастагии ҳамаҷонибаи обӣ доранд. Асоси чунин вобастагиро дарёҳои фаромарзӣ ташкил менамоянд, ки онҳо ҳамвора ҳудуди чандин давлатҳоро убур намуда, пайвандии табии онҳоро ба вуҷуд меоранд. Ҳамзамон, бо назардошти ҷойгоҳи махсус доштани дипломатия об дар сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурати таҳкими ҳамаҷонибаи ин мавқеъ дар арсаи байналмилалӣ зарур дониста мешавад.

Муаллиф дар доираи таҳқиқоти худ моҳият ва мазмуни дипломатияи об ва ҷойгоҳи онро дар таъмини амнияти обӣ ва сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди арзёбии ҳамаҷониба қарор додааст.

Интихоби дурусти методологияи таҳқиқотӣ ба муаллиф имконият додааст, ки бо истифода аз методҳои умумиилмии дар таҳқиқи илмҳои сиёсӣ пазируфташуда ҷанбаҳои гуногуни масъалаи мазкурро таҳлил намуда, хулосаҳои асоснок пешниҳод намояд.

Каримов Р.Р. тавонистааст мақсад, объект ва предмети таҳқиқоти худро муайян ва консепсияи омӯзишӣ ва таҳлилии худро дар доираи он таҳия ва амалӣ намояд. Ҳамзамон интихоби чунин равиш ба муаллиф имконият додааст, ки таҳқиқотро дар доираи мақсаду вазифаҳои гузошташуда анҷом диҳад.

Сохтори диссертатсия аз диди мантиқӣ бо пайдарҳамии хос мураттаб гашта, масъалаҳои гузошташуда бо ҳам робитаи зичи мазмунӣ ва мантиқӣ доранд. Он аз рӯйхати ихтисорот, муқаддима, се боб, шаш зербоб, хулоса ва феҳристи адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Муаллиф тавонистааст, ки ҳар як масъалаи дар доираи бобу зербобҳо пешбинигардидаро пурра ва ҳаматарафа таҳқиқ намояд.

Навоварӣ дар рисолаи илмӣ дар он аст, ки бори нахуст дар шароити ватанӣ тасмим гирифта шуд, ки дипломатияи об ва ҷойгоҳи он дар сиёсати хориҷии Тоҷикистон мавриди таҳқиқ қарор гирад.

Муаллиф бо риоя аз услуби илмӣ навгониҳои диссертатсияро мушаххас, фаҳмо ва асоснок нишон дода, дар матни диссертатсия ҳар яки онҳо асоснок карда шудаанд.

Онҳо дар заминаи объективияти илмӣ таҳия карда шуда, эътимоднокии баланд доранд. Зеро масъалаҳоеро дар бар гирифтаанд, ки онҳоро воқеияти таърихӣ собит месозад.

Муқаррароти асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда ҳам мазмуни масъалаҳои асосии диссертатсияро ифода намуда, ба таври асоснок нишон дода шудаанд.

Хулоса ва натиҷаҳои ба дастомада мавқеи муаллифро вобаста ба масъалаҳои мавриди таҳқиқ пурра инъикос намуда, бо риояи услуби илмӣ таҳия шудаанд.

Муаллиф дар давраи таҳқиқот мақолаҳои зиёди илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонидааст, ки дар онҳо паҳлуҳои гуногуни масъалаҳои дар диссертатсия таҳқиқшаванда инъикос ёфтаанд.

Ҳамчунин, муаллиф вобаста ба масъалаи мазкур дар мизҳои мудаввар, конференсияҳои ҷумҳуриявию донишгоҳӣ, байналмилалӣ ва дигар ҳамоишҳои илмӣ ширкат намудааст.

Раванди таҳқиқи диссертатсионӣ нишон дод, ки Каримов Р.Р. қобилияти хуби пешбурди корҳои таҳқиқотиро дошта, вобаста ба мавзӯи мазкур донишҳои мукаммал дорад. Ин ҳама имконият дод, ки мавзӯи диссертатсия дар сатҳи зарурӣ таҳқиқу натиҷабардорӣ карда шавад.

Нуктаи дигаре, ки аҳамияти илмию амалии диссертатсияи мазкурро асоснок мекунад, ин муносибати мустақилонаи муаллиф ба маводи таҳлилшаванда, таҳияи мустақилонаи таклифу пешниҳод ва асосноккунии мавқеъҳои назариявию амалӣ мебошад.

Таҳлили диссертатсия нишон медиҳад, ки он дар сатҳи хуби илмӣ таълиф шуда, талаботҳои ба диссертатсияҳои номзадӣ пешниҳодшаванда ба инобат гирифта шудаанд.

Дар раванди таълифи диссертатсия ҳамаи муқаррароти аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муайяншуда риоя гардидаанд.

Диссертатсияи мазкур кори илмии мустақилона иҷрошуда ва ба анҷомрасида мебошад, ки дар доираи он натиҷаҳои муҳимму зарурӣ ва барои ҷомеа аҳамиятнок ба даст оварда шудаанд.

Автореферат ва интишороти муаллиф мухтавои диссертатсияро ифода мекунанд.

Дар асоси гуфтаҳои боло метавон хулоса намуд, ки диссертатсияи Каримов Раҳматулло Рамазонович дар мавзӯи «Дипломатияи об ва ҷойгоҳи он дар сиёсати хориҷии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 5.6.4 – масъалаҳои сиёсии муносибатҳои байналмилалӣ: рушди ҷаҳонӣ ва минтақавӣ дар доираи муқаррароти муайяншуда таълиф шуда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси зикргардида мебошад.

Доктори илмҳои сиёсӣ, профессори
кафедраи сиёсатшиносӣ ва робита бо
ҷомеаи Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Қувватзода С.З.

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33,
Тел: (+992) 907800071, Email: sqz_0085@mail.ru

Имзои д.и.с., профессор С. Қувватзодаро тасдик менамоям:
Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои
махсуси Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Насурдинзода А.

«26» 12 соли 2025